Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
(суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

## ТАҚРИЗИ

**ба автореферати Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори (Ph.D) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

Шарикии стратегӣ дар ҳама давру замон омили муҳимтарини муаффақият, пешрафт ва таъмини самараи синергетикии рушд бо таваҷҷуҳ ба рушди қобилиятҳои рақобатии ширкатҳои саноатӣ будааст. Имрӯз шарикӣ як ҷузъи муҳимми амалиёти кунунии созмон ва инчунин стратегияҳоиояндаи он мебошад. Дар тӯли даҳсолаҳои охир мо рушди шарикии стратегиро дар ҳама намудҳои ширкатҳо дар ҳама соҳаҳо мушоҳида менамоем. Ин навъи иртибот байни ширкатҳо дар манзараи иқтисодӣ, бахусус дар он ҷое, ки он бо марзҳо ва фарҳангҳои миллӣ даргир аст, ҷои умумӣ дорад. Рақобатпазирии ширкатҳо тавассути таъмини дастрасӣ ба захираҳои беруна, ҳамоҳангсозӣ ва пешбурди омӯзиш ва тағйироти босуръат ба даст оварда мешавад. Масоили мазкур дар рисолаи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович ба ришати тадқиқ кашида шудааст, ки хеле бомаврид ва мувофиқ ба шароити муосир мебошад.

Мутолиаи автореферат нишон дод, ки дар диссертатсияи мазкур масоили назариявӣ, методӣ ва амалии мавзуи тадқиқшаванда дар тавозун ва ҳамбастагии комил баррасӣ шудаанд. Аз ин ҷиҳат бо дилпурӣ метавон гуфт, ки муаллиф бо риояи принсипҳои илмии тадқиқот дар

асоси равиши системавӣ мавзуи мазкурро мавриди омузиш ва таҳлил қарор дода ба хулосаҳои мантиқӣ ноил гардидаст.

Аҳмадҷон Саидҷонович бо истифода аз усулҳои маъмули тадқиқот ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил ва арзёбӣ намудааст, ки имкон дод авомили муассир ба инкишофи бахши саноат, мушкилот ва монеаҳои рушди он, бо таваҷҷуҳ ба истифодаи ғайрисамараноки принсипҳои асосии шарикии стратегӣ ошкор карда шавад. Моделсозии омилҳои муассир ба фазои касбу кор бо меҳварияти омили тағйирёбандаи «шарикии стратегӣ» дар асоси усули таҳлилӣ-омилӣ муҳосиба шудааст, ки рутбаҳои омилҳои таъсиррасонро ба шарикии стратегӣ дар муҳити фазои касбу кори кишвар инъикос менамояд.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки яке аз самтҳои муҳимми густариши шарикии саноатӣ бунёди кластерҳои минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Қобили қайд аст, ки имрӯзҳо маҳз кластерҳои саноатӣ чун субъекти фаъол дар пешбурди шарикии стратегӣ дар аксари кишварҳои аз нигоҳи саноатӣ пешрафта амал мекунанд. Таҳқиқи муаммоҳо ваояндабинии рушду инкишофи кластерҳои саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба принсипҳои асосии шарикии стратегӣ аз ҳадафҳои муҳим дар ростои ноил гардидан ба таъмини рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ ба шумор меравад.

Дар ин замина аз тарафи муаллиф алгоритми коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи корхонаҳои муштарак, ки пайдарпайии барномарезӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатро дар самти вусъат бахшидан ба фаъолияти корхонаҳои муштарак чун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос менамояд, пешниҳод шудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Ҳамчунин маҷмуи тавсияҳо пешниҳод шудааст, ки ба кластерикунонии бахшҳои афзалиятноки саноати

кишвар бо таваҷҷуҳ ба фаъол намудани сохторҳои илмиву таълимӣ дар самти густариши шарикии стратегӣ, равона карда шудаанд.

Ба сифати эрод метавон ба он ишора кард, ки муаллиф муаммоҳои рақамикунони фаъолияти истеҳсолӣ, маркетингӣ ва инвеститсионии корхонаҳои саноатиро дар ростои густариши шарикии стратегӣ ба таври кофӣ тадқиқи нанамудааст. Аммо ин эрод, албатта, хусусияти тавсиявӣ дорад.

Ҳамин тавр, бо қатъият метавон гуфт, ки кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент), пешниҳод шудааст, ба талаботҳои ҷории КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

***Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям:***

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Бобоев А.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

30.08.2024

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н.,
хонаи 1, E-mail: dalerdn@mail.ru.
Тел:+992 (92) 856 66 65, Факс:+992 (94) 856 66 65